**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Нурматзода Ҳ. дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020.**

Диссертатсияи Нурматзода Ҳасан ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихи санъати халқи тоҷик бахшида шуда, он аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Фарҳанги мусиқии тоҷик дорои анъаноти қадим буда, бозёфтҳои созҳои бостонии мусиқӣ дар натиҷаи ҳафриётҳои археологӣ, ки дар осорхонаҳо нигохдорӣ ва муаррифӣ мешаванд, гувоҳи он мебошанд.

Таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ – фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебошад. Аз ин лиҳоз дар диссертатсияи мазкур бори нахуст созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври комплексӣ ва дар асоси таҳқиқи бевоситаи онҳо, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки аввалин гирдоварандагон ва муҳаққиқони созҳои мусиқии тоҷикон навозандагон ва этнографҳои асрҳои XIX - ибтидои асри XX рус буданд. Дар таҳқиқи созҳои мусиқии халқи тоҷик инчунин олимони ватанӣ низ саҳми босазо гузоштаанд. Аммо дар таърихнигории тоҷик то ҳанӯз ягон таҳқиқоти алоҳидаву махсус анҷом дода нашудааст, ки объекти омӯзиши он коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон мебошад. Муаллифи диссертатсия бори нахуст шуда, аз миёни муҳаққиқон масъалаи мазкурро ба сифати объекти таҳқиқотӣ интихоб намудааст.

Мақсади таҳқиқот омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати пажуҳиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик мебошад.

Сарчашмаи асосии таҳқиқотро созҳои мусиқии дар осорхонаҳои Тоҷикистон маҳфуз буда, ки аз ҷониби диссертант бевосита ташхис ва тавсиф шудаанд, ташкил мекунад. Дар баробари ин, дар диссертатсия аз маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо, маводи матбуоти даврӣ васеъ истифода шудааст.

Объекти таҳқиқот коллексияҳои созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Предмети таҳқиқот бошад омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ ҳамчун сарчашма барои омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, инчунин оммавигардонии онҳоро дар бар мегирад.

Навовариҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ омӯхта шудаанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда, инчунин замима иборат мебошад.

Дар муқаддима муҳимият ва навгонии мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда муайян карда шудаанд.

Боби якум диссертатсия "**Давраҳои асосӣ ва хусусиятҳои хоси омӯзиши созҳои мусиқии тоҷик**" аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар параграфи аввал - **"Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик"** масъалаҳои коллексияи созҳои мусиқии мардуми тоҷик, ки охири асри XIX – ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқони рус ҷамъоварӣ шуда, дар осорхонаҳои Федератсияи Россия нигоҳдорӣ мешаванд, баррасӣ шудааст.

Ба назари диссертант яке аз олимоне, ки дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши созҳои мусиқии мардуми тоҷик саҳми калон гузоштааст, ин мусиқишиноси рус Август Фёдорович Эйхгорн (1844-1909) буда, созҳои

мусиқии ҷамъоварӣ кардааш имрӯз дар Осорхонаи миллии мусиқии Россия маҳфузанд.

Коллексияи муҳими дигаре, ки барои омӯзиши фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик аҳамияти муҳими таърихӣ дорад, ин созҳои мусиқии ҷамоварӣ намудаи шарқшиноси рус И. И. Зарубин мебошанд. И. И. Зарубин соли 1914 бо Р. Готё таҳқиқоти забоншиносӣ ва этнографии худро дар Рушон оғоз намуда, дар баробари дигар маводи этнографӣ 7 адад сози мусиқиро низ ҷамъоварӣ намудааст.

Ҳамчунин дар ин параграф доир ба сатҳи омӯзиш ва ҷамоварӣ намудаи созҳои мусиқии тоҷик, аз ҷониби муҳаққиқони дигари пешазинқилобии рус низ инъикос гардидааст.

Дар зерфасли дуюми боби аввал – **“Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”** оид ба таърихи омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон маълумот дода шуда, хизмати муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Н.Ҳ. Нурҷонов, Ф.М. Кароматов, А. Вертков, Н.Ғ. Ҳакимов, А. Низомӣ, Х. Маҳмадамонов, Х. Низомов, Таваккалов Ҳ., З.Г. Нуров, Ф. Шарифзода дар ин самт қадрдонӣ шудааст.

Аз ҷумла, диссертант менависад, ки Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н. соли 1959 дар Бадахшон экспедитсияи санъатшиносӣ гузаронда, созҳои мусиқии нодирро, аз қабили тутак, шаштор, ғижак, рубоби помирӣ ва даф ҷамъ оварда баъди омӯзиш ба Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш супориданд.

Диссертант, менависад, ки дар ин солҳо коллексияҳои осорхонаҳо бо намунаҳои нав ва нодири созҳои мусиқӣ пурра гардиданд, осорхонаҳои нави асбобҳои мусиқӣ пайдо шуданд, як қатор асарҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ доир ба таърихи пайдоиши созҳои мусиқӣ ва инкишофи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ба нашр расиданд. Дар ин замина, муҳаққиқони соҳа Хуршед Низомов, Х. Маҳмадамонов,

Аслиддин Низомӣ, Ҳ. Таваккалов ва Ш. Мамадшерзодшоев таҳқиқоти худро аз нашр баровварданд, ки дар онҳо доир ба таърихи пайдоиш ва инкишофи созҳои созҳои мусиқии тоҷик маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия - **“Аҳамияти сарчашмавии коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон дар омӯзиши ҳаёти мусиқии халқи тоҷик”** низ аз ду параграф иборат мебошад.

Дар параграфи аввал - **“Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар каллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи тоҷик”** нақши осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеи марказ дар ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқӣ инъикос ёфтааст.

Дар ин зербоб дар ибтидо оид ба фаъолияти Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки дар ин муассисаи фарҳангӣ 201 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ мешаванд сухан меравад. Дар миёни онҳо танбӯрҳои устодони “Шашмақом” Содирхон Ҳофиз, Бобоқул Файзуллоев, Боймуҳаммад Ниёзов мебошанд, ки коллексияи осорхонаро ғанӣ гардонидаанд.

Ғайр аз муассисаи фарҳангии зикршуда дар диссертатсия фаъолияти Осорхонаи мардумшиносии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, (76 адад созҳои мусиқӣ), Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ ( 43 адад созҳои мусиқӣ), Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков, (110 адад созҳои мусиқӣ) дар самти нигоҳдорӣ ва муаррифӣ намудани созҳои мусиқӣ таҳқиқ гардидааст.

Аҳамияти илмӣ-таърихии коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ аз ҷониби диссертант нишон дода шудааст.

Дар параграфи дуюми боби дуюм - “**Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳоии Суғд ва Хатлон**” – таърихи фаъолияти осорхонаҳои вилоятҳои ҷумҳурӣ ва нақши онҳо дар ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифии созҳои мусиқӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки дар осорхонаҳои Бадахшон намудҳои гуногуни созҳои мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд, ки аз созтарошон, сароядагони машҳури ин минтақа ба мерос мондаанд. Аз ҷумла, дар Осорхонаи вилоятии таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ 44 адад, ки дар миёни онҳо ғижаки тунукагӣ, рубоби помирӣ, сетор, танбӯр ва ғижаки такмилӣ бо номи давлатбекгижаки созтароши деҳаи Баррушони н. Рушон Раҷаббеков Давлатбек, созҳои такмилии тарруди седаста, масайнғижак, рубоби бадахшонии созтароши н. Ишкошим Масайнов Масайн мавқеи хоса доранд. Дар осорхонаи мазкур, инчунин 7 адад созҳои мусиқии Ҳофизи халқии Тоҷикистон Наврӯзшоҳи Қурбонҳусейн ниғоҳдорӣ мешаванд.

Осорхонаи дигаре, ки дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ нақши бориз дорад, ин Хона-музейҳои дар вилоят амал карда мебошанд.

Тибқи маълумоти диссертант дар осорхонаи таърихии вилояти Суғд 28 адад созҳои мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд. Созҳои мусиқӣ дар Осорхонаи таърихӣ - кишваршиносии шаҳри Конибодом низ нигоҳдорӣ мешаванд. Дар шаҳри Хуҷанд Осорхонаи мусиқии Артисти халқии ИҶШС Ҷӯрабек Муродов фаъолият дорад, ки дар он 31 адад созхои мусиқӣ буда, 22 намуд аз ҷониби дӯстони ҳофиз ба ӯ туҳфа гардидаанд. Дар оммавигардонии фарҳанги мусиқии тоҷикон Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Панҷакент, Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Исфара, Осорхонаи мардумшиносии маҷмааи таърихӣ-фарҳангии “Истиқлол”-и шаҳри Хуҷанд низ саҳми босазо доранд.

Муаллифи диссертатсия фаъолияти осорҳонаҳои Хатлонро таҳқиқ намуда, менависад, ки дар осорхонаҳои ин вилоят низ намунаҳои зиёди созҳои мусиқӣ ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Масалан, дар осорхонаи шаҳри Кӯлоб 22 адад созҳои мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ мешавад.

Дар Хона-музейи шоир ва ҳофизи халқӣ Саидалӣ Велизода 10 адад созҳои мусиқӣ - дутор (3 адад), думбра (3 адад), ғижаки бадахшонӣ, сетор, доира ва таблак, ки ҳамаи онҳоро ҳофиз менавохт, нигоҳ дошта мешаванд ва дар Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара 16 адад, дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Бохтар бошад 17 адад созҳои мусиқӣ мавҷуд мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ низ муфид мебошанд.

Ҳамин тавр, рисолаи Нурматзода Ҳасан мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Ҷиҳати мусбии кор боз дар он зоҳир мегардад, ки дар таърихнигории Тоҷикистон муаллиф байни муҳаққиқон бори нахуст шуда, мавзӯи мазкурро объекти таҳқиқот интихоб намудааст. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Диссертант оид ба рисолаи худ 3 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Аммо дар баробари муваффақияту дастовардҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зудислоҳшаванда низ ба назар мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Дар муққадимаи диссертатсия чорчӯбаи хронологии тадқиқот солҳои 1934 – 2019 нишон дода шудааст, ки дар ин сурат мазмуни параграфи якуми боби якум берун аз доираи он мебошад.

2. Диссертант дар атрофи созҳои мусиқии аз ҷониби шоир Мубораки Вахонӣ ихтироъ шуда, маълумоти ҷолиб медиҳад, аммо оид ба рубоби дигари сохтааш «Базми ҷунун», ки то ҳозир дар дасти Алибой ном сокини Хандути Афгонистон нигоҳ дошта мешавад, ки Муборак дар вақташ онро ба пешгузаштагони ин шахс, ба хотири ҳунари баланди сарояндагӣ доштанашон, тӯҳфа кардааст, маълумот надодааст.
3. Зербоби дуюми боби аввал «Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳаҷман кам буда (7 саҳ.), дар он на ҳамаи асару мақолаҳои муҳаққиқони соҳа ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд, баробари ин, он бе хулосаи муаллиф ҷамъбаст гардидааст.
4. Диссертант такя ба маълумот аз китоби Х. Маҳмадамонов “Созҳои мусиқии Бадахшон” намуда, меорад, ки: “Рубоби помирӣ дар қарни даҳи милодӣ ихтироъ шудааст”, ки ин ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро таърихи пайдоиши рубоби мазкур хеле қадим буда, он мувофиқи бархе аз сарчашмаҳо ба замони “Готҳо”-и Зардушт мерасад. Ақидаҳои овардашудаи диссертант оид ба чи тавр ихтироъ намудани ғижаки тунукагии бадахшонӣ дурустанд, аммо роҷеъ ба таърихи давраи пайдоишаш, яъне назари муаллиф, ки он охири солҳои 70-уми қарни XVII сохта шудааст, дақиқиятро талаб менамоянд.
5. Хуб мешуд, ки диссертант таърихи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои вилоятҳои Хатлон ва Суғдро низ муфассалтар инъикос мекард, инчунин дар замимаи диссертатсия аксҳои созҳои мусиқии дар Осорхонаҳои вилояти Хатлон нигоҳдоришуда кам оварда шудааст.
6. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои техникию имлоӣ ҷой доранд.

Аммо эродҳои овардашуда ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо зуд ислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад дар вақти ба нашр пешниҳод намудани тадқиқот дар шакли монография онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Нурматзода Ҳасан – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ,**
**мудири кафедраи таърихи умумии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков**
**Сайнак Парпишоевич**

**25 феврали 2020 с.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
тел.: + 992 934162099
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Назаров
Давлатхон Қурбонмуродович